# Протоколи № 9
## Маҷлиси кафедраи педагогика ва психологияи
## Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

аз 27-уми апрели соли 2022 ш. Душанбе

__Иштирок доштанд:__ 18 нафар аъзои кафедра иштирок доштанд. Пешниҳод шуд, ки маҷлис кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона рӯзнома қабул карда шуд.

__РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:__

1. Баррасии диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).

Саравал раиси ҷаласа н.и.п., дотсент Ошимова М.М. ҷаласаро ҳусни оғоз бахшида, доир ба саҳми муҳаққиқ дар таҳқиқи мавзуъ маълумот дода, инчунин, қайд намуд, ки диссертант таҳқиқоти диссертатсиониро пурра такмилу таҷдид намуда, номбурда таи 15 соли охир ба таҳқиқи мавзуи муҳимми соҳаи илму маорифи кишвар - ба пажӯҳиши квалиметрии илмҳои педагогӣ дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон машғул буда, мавзуи таҳқиқотии худро бо унвони **«Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд»** такмил дода, ба анҷом расонадидааст.

Баъд аз суханронии хеш раиси ҷаласа н.и.п., дотсент Ошимова М.М. ҷиҳати баррасии диссертатсияи мазкур суханро ба унвонҷӯ барои баёни нуктаҳои асосии таҳқиқот дод.

Унвонҷӯ М.Раҷабзода бо маъруза дар бораи мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ баромад намуд. Сипас, саволу ҷавоб шуруъ гардид.

Муқарризон д.и.п., профессор Файзализода Ҷ.Х., д.и.п., профессор Ашурова Д., н.и.п., дотсент Шосаидзода С., н.и.п., дотсент Ошимова М. ва н.и.п., дотсент Абдуллозода Ҳ. баромад намуданд. Онҳо тавассути тақризи худ таҳқиқоти диссертатсионии М.Раҷабзода-ро мусбат арзёбӣ намуданд.

Ҷаласа пас аз баррасии масъалаи мазкур ва фикру андешаҳои баёнгардида,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст, кори илмии анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 25, 32, 33, 34, 35, 38, 39, 40, 41, 46-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз

30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Он тамоми хусусиятҳои кори диссертатсиониро дар худ таҷассум менамояд.

2. Таҳқиқоти диссертатсионии Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба ҳимоя тавсия дода шавад.

3. Диссертатсияи мазкур ба экспертизаи даври дуюми муассиса пешниҳод карда шавад.

Раиси маҷлис: Ошимова М.М.

Котиби маҷлис: Раҷабова Ф.О.

Тасдиқ мекунам,
мудири шуъбаи кадрҳои
ДДЗТ ба номи С.Улуғзода
«27» 04 соли 2022 Наҷмуддинов Ш. М.